# Рӯзноманигори кӯҳна

*Номи ин духтараки қаламкашро ғоибона, ҳанӯз овони мактабхониаш мешинохтам. Вай аз ҳаёти маҳалли зист ва мактабаш хабару мақолаҳои хонданӣ менавишт. Аҷабо, мегӯям худ ба худ. Наход он қаламкаши ҷавони дирӯза соли оянда ба синни панҷоҳ дарояд?*

*Ӯ Ӯғилой Ҷӯрабоева аст.*

*Вай баъди хатми мактаби миёна факултаи журналистикаи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистонро хатм карда, ҳам дар рӯзномаи ноҳиявӣ кор мекарду ҳам дар мактаб — омӯзгорӣ.*

*Дар ҳақиқат, як-ду сол боз аз ӯ ба идора мактуб намеомад. Аз рӯи навиштаи худаш аён аст, ки ҳанӯз муаллима аст. Соҳиби чанд нафар фарзанд.*

*Аз вай якбора се мақола расид. То имкон ҳаст, аз маводҳои ӯ истифода мебарем. Вай дар поварақи мақолааш бо оҳанги шӯхӣ баъди салому паём чунин навиштааст:- «Орзу дорам, ки рӯзномаро дар ин рӯзҳои таътил мақолаборон кунам. Ҳамин ки соли оянда ба нафақаи «пиразанӣ» бароям, боз бештар навиштаниам...»*

*Бояд эътироф кард, ки ин гуна қаламкашони ба касби худ бовафо ками кам ёфт мешаванд. Ман ӯро чанд сол қабл, 20 ё 25 сол пеш дар хонааш дида, саломи паёми кормандони рӯзномаро расонда будам. Инак дар арафаи 50-солагии Ӯғилой ва 80-солагии «Овози тоҷик» маводҳои ин қаламкаши нозукхаёлро қариб, ки бетаҳрир ба дасти чоп мерасонем. Охир, ӯ яке аз тарғибгарони «Овози тоҷик» ҳам мебошад?!*

*Инак, мақолаи навбатии ӯ.*

**Б.ТӮЙНАЗАРОВ,**
**муҳаррири шӯъба.**

## Кори неку номи нек

# Озими роҳ

Дари ӯтоқи кории директорро касе оҳиста кӯфт.

— Дароед,— гуфт котиба, духтараки чашму абрӯсиёҳ ва пуррапайкар.

— Агар мумкин бошад,— каме истиҳола кард зани солхӯрда.

— Ассалому алайкум, биёед.

— Ваалайкум, духтарам, ба ман директор лозим буданд.

— Ҳозир меоянд. Ба дарс даромаданд. Марҳамат, шинед.

Ӯ курсиеро пеш кашид. Духтарак бо мошинка кимчиро чоп мекард, занак ғарқи андеша шуд. Чӣ тавр гӯяд, чӣ гуна ёрӣ пурсад... Ҳама балоро худаш сар кард. Аз падару модараш маҳрум, гӯён эрка кард набераашро. Занг зада шуду занак аз гирдоби андешаҳо берун омад. Ва ин дам тез-тез қадам гузошта, бо як даста дафтарҳо директор вориди хона гардид. Духтараки рамузфаҳм оҳиста берун баромад. Пас аз адои салом онҳо дуру дароз сӯҳбат карданд.

— Додарам, ҳамааш аз нодонии худам шуд. Акнун ба ёрии шумо мӯҳтоҷам.

— Ҳанӯз дер нест. Албатта набераатонро ҷеғ зада сӯҳбат мекунем, роҳи ислоҳашро меёбем.

— Илоҳо барака ёбед,— гуфт занак ва бо нӯги рӯмолчааш ашки чашмонашро пок карда, берун баромад.

Котиба пас аз рафтани занак боз ба кори худ давом кард.

— Духтарам, ман як сари қадам ба шӯъбаи маориф равам. Ин дастнависҳоро ҳам мошиннавис карда монед.

— Хуб шудааст,— гуфт котиба.

Пас ба велосипед савор шуда, ба роҳ даромад. Рӯзи дигар пас аз иҷрои корҳои муҳим баъди дарс ба котиба фармуд, ки ҳамон талабаро наздаш хонад. Бо қавоқҳои овезон ӯ ба кабинет даромад.

— Канӣ писарам, ин ҷо шин.

Бо ӯ чун бо калонсолон муроҷиат намуд. Писарак бо сари хам менишаст.

—Хондан чӣ тавр? Баҳоҳо чӣ хел?

Хонанда бо сари хам чизе намегуфт.

— Дирӯз модаркалонат аз ту гила карданд. Йигити каппа-калон шудаӣ, айб аст, ки то ҳол қайсарию беодобӣ кунӣ. Ҷӯраҳоят чӣ мегӯянд?..

Боз чанд сухани насиҳатомез гуфту пас таъин кард, ки минбаъд беодобӣ накунад.— Ман азхудкуниатро таҳти назорат мегирам. Пагоҳ пас аз соати сеюм ба наздам бо рӯзномаат даро. Акнун ба дарсат рав.

— Муаллим, бубахшед. Дигар такрор намешавад,— узр пурсид хонанда дарро кушода.

Ӯ ба андеша фурӯ рафт. Чаро бачаҳо дарс намехонанд, завқашон ин қадар паст аст? Гӯё ҳама чиз барояшон фаҳмо бошад, аксар даст бардошта чизе намепурсанд. Ба баъзе синфҳо даромада димоғаш месӯзад. Хайрият, ду-се нафар майли зиёд доранду ба ҳамаи саволҳо ҷавоб мегӯянд. Бо вуҷуди ин рағбатнокии бачаҳо мисли пештара нест... Шояд ин аз тангии иқтисодӣ бошад? Ё бепарвоии падару модарон? Ва ё зиёд будани воситаҳои хабаррасонӣ мисли барномаҳои гуногуни телевизион?

Ҳар бор сари ин масъала байни омӯзгорон ҷамъомадҳо мегузаронад, мубодилаи ақида менамоянд, вале таъсираш зиёд нест. Ин писарак дар синфи ҳафтум мехонад. Дар аввали соли хониш ҳаракатҳояш бад набуданд. Вале чанд рӯз пеш роҳбари синфаш ҳам гуфт, ки хонанда бо корҳои ношоиста машғул мешавад.

Пас аз дарс роҳбарони синф, роҳбарони маҳфилҳо ва вожатийҳо дар хонаи муаллимон ҷамъ шуданд. Ҳар яке аз кори худ ҳисобот доданд.

— Кори маҳфилҳои фаннӣ хуб нест,—лаб ба сухан кушод директор.— Ҳамаи мо дар сояи ду-се нафар аълочиёни хонишу ғолибони олимпиада мегардем. Хонандагони сустхонро ҳам ба маҳфил ҷалб бояд намуд.

Пас ӯ нақшаи кории онҳо, тадбирҳои дар рӯзҳои наздик ба амал бароварда мешудагиро бори дигар аз назар гузаронд. Пас ҳама аз паи кори худ шуданд.

Ҳар рӯзи кори муаллими математика, сарвари таълимгоҳи рақами 14 ҳамин тавр пурташвиш аст. Ӯро гоҳ дар дарс мебинеду гоҳо дар ин ё он синф ҳангоми мушоҳидаи кори омӯзгоре ва гоҳо саргарми нависонависи ин ё он чиз, ё дар ҳалқаи шогирдону омӯзгорон. Дақиқае оромӣ надорад. Баъзан савори велосипед сӯи деҳаи ҳамсоя раҳсипор мегардад. Сӯи деҳае, ки бинои шӯъбаи таълими халқ ҷой дорад.

Ин инсони нек, марди хоксор донандаи беҳтарини фанни риёзӣ ва роҳбари ғамхору чашмикордон Муҳибулло Муҳаммадиев мебошад. Ӯ зодаи деҳаи Янгибоғи хоҷагии ширкатии ба номи Б.Амонов аст. Соли 1947 дар ҳамин ҷо ба дунё омад. Донишгоҳи олиро ба итмом расонд. Чанд сол муаллимӣ кард. Чор сол мудири қисми илмӣ буд, инак, соли чордаҳум аст, ки сарварии ин ҷамоаи бонуфузро ба зимма дорад. Мактаби номбурда яке аз калонтарин таълимгоҳҳои ноҳияи Узун ба шумор меравад. Дар он зиёда аз 1400 нафар хонанда сабақ мегирад. Таълим бо забонҳои тоҷикию ӯзбекӣ. Ба онҳо 118 нафар омӯзгор дарс мегӯяд, ки ҳашт нафари онҳо омӯзгори тоифаи олӣ мебошанд.

Ҳар сол хонандагони мактаб дар олимпиадаҳои фаннӣ ғолибиятро ба даст меоранд. Зулхумор Давлатова, Ирода ва Адҳам Олимовҳо аз ҷумлаи чунин хонандагонанд. Иродаю Адҳам Олимовҳо аз фанҳои ҳуқуқ ва забони ӯзбекӣ дар зинаи ҷумҳурӣ қувваозмоӣ намуданд. Зулхумор Давлатова ду сол паи ҳам дар озмуни вилоятӣ аз фанни забону адабиёти тоҷик натиҷаи баландтарин ба даст овард...

Акаи Муҳибулло донандаи беҳтарини фанни математика мебошад. Борҳо шогирдонаш ғолиби озмунҳо гардидаанд. Дар соли хониши 2001/2002 мактаб аз ҷиҳати иштироки хонандагон дар озмунҳои фаннӣ дар миқёси ноҳия ҷои аввалро соҳиб гардид. Ин маҳсули меҳнати сарвари кордон ва омӯзгорон Гулнора Амонова, Қамчин Мамаҷонов, Гулчеҳра Вафоева, Ибодат Раҳмонова, Сафарбой Саломов, Хурсанд Эшназарова ва ғайраҳоянд.

Дар тадбирҳое, ки дар миқёси ноҳия ва вилоят баргузор мегардад, хонандагон доимо пешдастӣ мекунанд. Чунончи, чанд маротиба дар мусобиқаҳои «Касбам—ифтихорам», «Шумо таърихро медонед?», «Шумо ҳуқуқро медонед?», иди санъат, озмуни доиранавозон ва шашмақомхонон ғолиб омада, дар миқёси вилоят низ қувваозмоӣ карданд.

Махсусан кори маҳфили «Шашмақомхонони ҷавон» шоёни таҳсин аст. Ба он омӯзгор ва санъаткори варзида Чӯпонкул Холов роҳбарӣ мекунад. Аъзоёни он ҳар сол дар озмуни вилоятӣ ба гирифтани ҷойҳои фахрӣ ноил мегарданд...

Муҳибулло Муҳаммадиев шахси хеле масъулиятшинос аст. Ӯ барои пешравии корҳои таълиму тарбия ҳеҷ чиз, ҳатто саломатиашро дареғ намедорад. Чаро ки ба чунин ҷамоаи калон сарварӣ намудан кори осон нест!

Хушбахтии дигари ӯ лаҳзаҳое эҳсос шуданд, ки соли 2001 ба ӯ унвони «Аълочии маорифи халқи Ҷумҳурияти Ӯзбекистон» дода шуд.

— Ташвиши омӯзгорӣ имрӯз кам нест. Зеро ба ватани соҳибистиқлоли мо кадрҳои болаёқат, донишманду хушодоб заруранд,— мегӯяд ӯ.

Имсол мактаби рақами 14 воқеъ дар деҳаи Каршобод 70-сола мешавад. Сарвари мактаб М.Муҳаммадиев ва ҳамаи омӯзгорон ин рӯзро бо рӯи сурх ҷашн гирифтанианд.

— Гарчи солҳо нақши худро дар чеҳраи ӯ гузоштааст, ҳанӯз акаи Муҳибуллои мо, ифтихори мардуми деҳа ва шогирдон, азму иродаи қавӣ дораду қувваи зиёд.

Бигузор ӯ доимо озими роҳ бошад!

**Ӯғулой ҶӮРАБОЕВА,**
**ноҳияи Узун.**

Абдулло СУБҲОН

# Гарди анҷум

***Худоё, холиқӣ, хуш чора кардӣ,***
***Ҷаҳонро собиту сайёра кардӣ.***
***Тан аз гил офаридӣ, аз нафас ҷон,***
***Вале он гил чаро пас пора кардӣ?***

***

***Агар ҳамхунамон хоин намешуд,***
***Ҳасуду баддилу бадкин намешуд.***
***Миёни душманону дӯстдорон,***
***Сари болои мо поин намешуд.***

***

***Ҳакиме гуфт:«Аз садҳо маяндеш,***
***Набудӣ сад, намондӣ як қадам пеш.***
***Нагашт обод, то вайрон нашуд боғ,***
***Шикаст орад зафар, ай сина сад реш».***

***

***Маро рӯҳест ноорому сайёр,***
***Тане осуда ҳамчун санги девор.***
***Парад рӯҳ аз замин то бар фалакҳо,***
***Вале танро на болу пои рафтор.***

***

***Гаҳе пиндорӣ ҳампои замонӣ,***
***Дигарҳо аспу ту тои замонӣ.***
***Вале бинӣ накӯтар, дар раҳи умр***
***Ба дунболи қафоҳои замонӣ.***

***

***Чӣ сон гӯям ба кас рози дарунро,***
***Зи чашмам берун орам ҷӯи хунро?***
***Фалак гулро бидод айши дурӯза,***
***Вале умри дарозе хорбунро.***

***

***Дар ин гулшан басе гул синачок аст,***
***Диле дар синаҳошон дарднок (ҳ) аст.***
***Саҳар дидам ба рӯи баргашон ашк,***
***Ки з-оби чашми мо шаффофу пок аст.***

***

***Ману мурғи чаман як нола дорем,***
***Ту гӯи дарди чандинсола дорем.***
***Ба зоҳир сабзтар аз шохи гул, лек***
***Диле хунрезтар аз лола дорем.***

***

***Агар моро надорӣ чашми дидан,***
***Ва ё ки тоқату тоби шунидан.***
***Бубин худрову бишнав хештанро,***
***Ки дар худ ёбӣ пайғоми расидан.***

***

***Чаро оқил дар ин дунё забун аст,***
***Дарахти орзӯяш сарнагун аст?***
***Хӯрад ҷоҳил май аз хумхонаи давр,***
***Вале пур ҷоми оқил з-ашку хун аст.***

***

***Худоё, шукр бар ҷоне, ки додӣ,***
***Ба дурону қарибоне, ки додӣ.***
***На дороям тавон гуфтан, на муфлис,***
***Навое ҳаст дар хоне, ки додӣ.***

***

***Қабои рӯзгорон пора дидам,***
***Дарунаш мардуми овора дидам.***
***Вале дар синаи айёми хунсард,***
***На дил, як пора санги хора дидам.***

***

***Ба дил огоҳ аз набзи замон бош,***
***На хоҷа, не ғуломи дигарон бош.***
***Дар он ҷо, ки адолат зери по монд,***
***Саропо нола бош, оҳу фиғон бош.***

***

***Чӣ хуш, завлонаи поро шикастӣ,***
***Расанҳои ғуломиро гусастӣ.***
***Биёмад навбати завлонаи фикр,***
***Гар онро ҳам шикастӣ дон, ки растӣ.***

***

***Аё наққош, дар нақшат хато нест,***
***Бигӯ дар дафтарат нақши чиҳо нест:***
***Дарахту сабзаву инсону ҳайвон...***
***Вале афсӯс нақшеро бақо нест.***

***

***Баландам аз ғурури худситоён,***
***Зи арши мазҳабу миллатгароён.***
***Ман охир гавҳари Одам-атоям,***
***Чаро бошам канори камбаҳоён?***




Дар шаҳри Ғазалкенти ноҳияи Бӯстонлиқи вилояти Тошканд ба тарбияю таълими наврасони синни томактабӣ эътибор меафзоянд.

**Дар сурат:** гурӯҳи рақсии «Бӯстон», ки дар назди кӯдакистони рақами 4 амал менамояд. Роҳбари гурӯҳ **Луиза Исмоилова** ва тарбиятгар **Мукаррам Бахриддинова** ба кӯдакон сирру асрори санъати рақсро меомӯзанд.

**Суратгир: Владимир Портнов.**

# Олами садранг

## Мӯъҷизаи ҳаштум дар чист?

Яке аз ёдгориҳои нодири фарҳанги ҷаҳонӣ Хонаи каҳрабо (Янтарная комната) мебошад, ки онро одатан мӯъҷизаи ҳаштуми ҷаҳон меноманд. Ва ин мӯъҷиза баъди солҳои Ҷанги дуюми ҷаҳон беному нишон гардида боиси тахминҳои мухталиф, тадқиқотҳои гуногун гаштааст.

Таърихи ёдгории мазкур мухтасар чунин аст: соли 1716 шоҳи Пруссия Фридрих Вилгелм 1 ба Пётри бузург хонаеро тӯҳфа мекунад, ки аз қаҳрабо сохта шудааст. Ва ин хонаи мӯъҷизавиро муҳандиси сарой Андреас Шлютер бо услуби «барокко» ва «рокко» офарида буд. Мутахассисон арзиши имрӯзаи ин хонаро 125 миллион евро арзёбӣ мекунанд. Ва хонаи мазкур ҳамон сол аз қасри Сарокоселода максан пайдо намуд. Соли 1941 баробари оғоз ёфтани ҷанг хонаро ба қисмҳо тақсим карда, ба шаҳри Кёнигсберг мефиристанд ва он то ба анҷом расидани ҷанги дуюми ҷаҳон дар ҳамон ҷо маҳфуз буд. Вале баъди ҷанг тақдири ин хона номаълум мондааст. Аз ин рӯ ҷустуҷӯву кофтуковҳо авҷ гирифтанд.

Дар шабакаҳои телевизиони Олмон бахшида ба ин хона аввалин силсилаи намоишҳо ҳам ба ҳукми тамошогарон пешкаш гардид.

Ба фикри олими бостоншиноси олмонӣ Гвидо Кнопп қисму узвҳои хонаи мазкур ба бисту ҳафт қуттӣ ҷойгир шуда, дар ҷои пинҳонгардида маҳфуз аст. Ба фикри публисист Морис Филимм Ренӣ бошад, хонаи мазкур бо айби аскарони собиқ шӯравӣ сӯхта нобуд гардидааст ва онро то ҳол пинҳон медоранд. Аз ин рӯ тақдири мӯъҷизаи ҳаштуми ҷаҳон чӣ гуна аст, алҳол номаълум мебошад.

## Шӯҳрати оламгири «Аршин мол олан»

Филми машҳури «Аршин мол олан» шӯҳрати оламгир пайдо кардааст. Ба фикри мутахассисон онро дар 136 мамлакати ҷаҳон намоиш додаанд.

Ҳини нахустнамоишаш дар давоми якуним моҳ онро 16 миллион тамошогар танҳо дар масоҳати собиқ шӯравӣ тамошо кардаанд.

Вале таърихи офариниш ба экран баромадани он ба осонӣ накӯчидааст.

Аз ин шаст сол муқаддам бо супориши Сталин ба офариниши филми «Аршин мол олан» шурӯъ кардаанд. Студияи «Озарбойҷонфилм» таҳти сарпарастии коргардони машҳур Сергей Эйзенштейн ҳини таҳияи сенарияи он таъкид карда буд, ки филми мазкур оламгир гардида, қалби аксари тамошогарони ҷаҳонро ба худ ром месозад. Ва ҳини офариниши филм Сталин чунин вазифаро пеш гузошта буд: чунон филме офарида шавад, ки он филмҳои хориҷиёнро бадном созаду маҳбубияти калон доштани санъати халқҳои Иттиҳоди Шӯравӣ ва ба он ягон фарҳанг баробар нашуданашонро исбот кунад».

Аз ин рӯ коргардон барои офариниши филм ҳавлии собиқ сарватманд Мухторовро интихоб кард, ки ба Амрико гурехта буд. Вақте ки филм дар Амрико ба намоиш гузошта шуд, сарватманд Мухторов як нусхаи онро ба ивази пули зиёд харид намуд. Ҳини офариниши филм тамоми ҷиҳозоту асбобу ускунаи миллӣ, аз он ҷумла таърихӣ истифода бурда шуд. Барои ин тамоми сокинони ҷумҳурият кӯмак расонданд ва ин чизҳоро пешкаш карданд.

Баъди пурра тайёр шудани филм он ба Маскав оварда ,аз нигоҳи шӯрои бадеӣ гузаронда шуд. Аксар аъзои он барои ба намоиш гузоштани филм муқобил баромаданд. Вале коргардон қатъиян талаб пеш гузошт, ки доҳӣ бояд ин филмро бинад. Чунки маҳз бо супориши ӯ он таҳия гардидааст. Хайрият ҳамин вақт ба ёди Сталин ин филм расиду онро се маротиба тамошо кард ва гуфт: «Хеле хуб, филми зарурӣ офарида шудааст, қаҳрамонҳояш ҳам аҷоиб». Баъди ҳамин филм ба экранҳо роҳ пеш гирифт...

## Хӯрокаш оҳану оҳанпора

Мишел Лотитои греноблиро дар шаҳр хурду калон медонанду мешиносанд. Баробари афтидани чашми ҳар як раҳгузар бешак моту маҳбут шуданаш муқаррар аст. Зеро вай лақаби «аҷофат» дораду мунтазам оҳану оҳанпорaро истеъмол менамояд.

Олимон шиками ӯро аз тадқиқоти радиологӣ гузаронда, ангушти ҳайрат газиданд. Чунки Лотито иқтидори дар давоми як рӯз фурӯ бурдани 90 грамм оҳану оҳанпора ва ҳазм кардани онро доштааст.

Мишел оҳану оҳанпораҳоро тавассути арраи барқӣ пора-пора ва майда мекунад. Ва онро чун ҳабҳо нохоида якбора фурӯ мебарад. Вале ин «хӯрок» шахси дилхоҳро дар як дам ба он дунё гусел карданаш мумкин аст.

Ва ин «хӯрокхӯрӣ» тасодуфан рух додааст. Яке аз рӯзҳо Мишел истаконро аз сабаби ноэҳтиётӣ шикаст. Шишамайдаҳоро ҷамъ оварда, ба даҳон бурд ва хӯрд. Азбаски ҳамаи онро фурӯ бурду ягон ҳодиса рух надод, баъд ба истеъмоли дигар мавод, аз он ҷумла оҳан гузашт. Алҳол Лотито тавассути ҳамин қобилияти нодири худ зиндагониашро ба роҳ мондааст.

## Одамони ҳайвонсар

Олими машҳури россиягӣ Эрнест Мулдошев ҳамчун шахсе эътироф гардидааст, ки аз сирру асрори тамаддуни қадима хеле бохабар мебошад. Вай ба Миср сафари илмӣ карда, чандин китоб иншо кардааст. Ба қарибӣ ӯ дар саҳифаи яке аз рӯзномаҳо аз хусуси суратҳои деворие нақл кардааст, ки дар онҳо одамони ҳайвонсар акс гардидаанд.

Ба фикри олим, ин тасвирҳо тахайюлоти аҷдодонамон нест. Зеро ҳар гуна тахмину хомхаёлӣ дар хотирот дер нигоҳ дошта намешавад. Одам чунин фазилати муҳимро дорад: чизи бо чашмони хеш дидаашро як умр дар хотир нигоҳ медорад ва дар мавриди зарурӣ онро тавзеҳ дода, ҳатто кашида ҳам метавонад.

—Ба ҳамин муносибат таъкид карданӣ ҳастам, ки, — мегӯяд олими русиягӣ, — ин суратҳо ҳақиқатан акси одамони ҳайвонсар буда, онҳо як замонҳо ҳаёт ба сар бурдаанд. Ва дар Мисри қадим дар бисёр ҷойҳои таърихӣ пайдо шудани акси одамони ҳайвонсар низ бесабаб нест.

Аҷдодони мо дар ҳамон замонҳо ҳаракат кардаанд, ки бо технологияи офаридаашон ба инсон сари паррандаву ҳайвонотро ҷойгир созанд. Дар ин бобат ба онҳо шарҳои прана кӯмаки калон расондаанд. Ҳамин тавр онҳо одамони ҳайвону паррандасареро офаридаанд, ки ҳаёти худро давом додаанд.

Ба гуфти олим баъди тадқиқотҳои минбаъда ошкор мегардад, ки ин амалиёт чӣ тавр ҷомаи амал пӯшонда шудааст. Чунки дар зери эҳромҳои тадқиқнашудаи Гиза мавҷуд будани чунин одамон дар манбаъҳои таърихӣ сабт гаштаанд. Агар умр мадад кунад, ягон муаммо ба миён наояд, дар он сурат тадқиқот пеш бурда, ба исботи он муваффақ шудан мумкин аст, ки аҷдодонамон ҳам бо нусхабардории одаму ҳайвон машғул гардидаанд.

**(Аз рӯи хабарҳои Интернет ва воситаҳои ахбори оммавӣ таҳия шуд).**

# Хубони порсигӯ

Адабиёти мо аз ҷумлаи ғанитарин ва пурмоятарин адабиёти ҷаҳон аст. То ҳанӯз касе шумораи аниқи адибони тоҷикро муайян накардааст ва ин аз имкон ҳам берун мебошад. Шояд садҳо нафар шоироне гузашта бошанд, ки то имрӯз на ном ва на осори адабии эшон то замони мо омада расидааст. Чунин ба назар мерасад, ки ҳанӯз гӯшаҳои норавшани ин адабиёти бузург зиёд аст. Ин суханонро бештар дар ҳаққи занони эҷодкор гуфтан мумкин аст.

Муҳити асримиёнагӣ, ки барои занҳо тартиботи нисбатан сангинеро раво дида буд, сабабгори беному нишон ва гумном мондани бисёр занҳои эҷодкор гардидааст. Дар ин гуфтаҳо набояд шубҳае вуҷуд дошта бошад. Магар аз як миллиону сесад ҳазор байт осори адабии сипаҳсолори назми мо — Рудакӣ боқӣ мондани ҳамагӣ аз ҳазор байт андаке беш далели ин гуфтаҳо шуда наметавонад? Аз садҳо нафар шоирони мозӣ танҳо ном ё чанд байти пароканда боқӣ мондаву халос.

Чунон ки ишора шуд, ҳаводиси таърихӣ сабаб шуд, ки номи бисёр шоираҳои тоҷик барои мо номаълум монанд. Вақте ки дар сари масъалаи зикршуда меандешем, ба хулосае меоем, ки дониши мо дар ин бора хеле рӯякӣ будааст. Зеро мо то ҳол фақат номи чанд тан шоираҳоеро медонистем, ки дар давраҳои гуногуни таърихӣ зиндагию эҷод кардаанд. Ҳол он ки шумораи бонувони эҷодкор аз пиндошти мо хеле зиёдтар будааст. Яке аз сарчашмаҳои муҳимтарини таърихи адабиёти мо тазкираҳо ба шумор меравindependent.

Дар қатори тазкираҳои умумӣ, инчунин, тазкираҳое низ вуҷуд доштаанд, ки маҳз ба ҳаёту эҷодиёти занони суханвар бахшида шудаанд. Метавон барои мисол тазкираҳои «Ҷавоҳир - ул -аҷоиб» - и Фахрии Ҳиравӣ, «Нуқли маҷлис» - и Маҳмуд Мирзои Қоҷор, «Тазкират - ул - хавотин» - и Муҳаммад ибни Муҳаммадрофеъ, «Маликулкитоб»-и Шерозӣ, «Ахтари тобон» -и Абулқосими Мӯҳташам, «Тазкират- ун - нисо» - и Муҳаммадсиддиқ Охундзодаи Ҳиравӣ, «Парданишинони сухангӯй» - и Могаи Раҳмонӣ, «Аз Робиа то Парвин» - и Кашоварзи Садр, «Машоҳир - ун - нисо» - и Муҳаммадзеҳни Афандӣ ва «Бисту се адиба» - и Тоҷӣ Усмонро номбар кард. Агар шумораи умумии шоираҳои форс-тоҷик ба забон овардани бошем, аз 105 нафар зиёд аст.

Нахустин шоираи форс-тоҷик Робиаи Балхист, ки қурбони ишқи поку самимӣ гардидааст.

Дар асри XI Исматии Самарқандӣ, Оишаи Самарқандӣ, Дӯстӣ, Моҳӣ барин шоираҳо зиндагиву эҷод кардаанд. Исматии Самарқандӣ шоираи равшанфикр, фозила ва зарофатгӯй будааст.

Маҳастии Хуҷандӣ ахтари тобони назми асри XII будааст. Ӯ дар ҳусн ягонаи давр, сарояндаву навозандаи мумтоз низ будааст. Ин рубоӣ аз ӯст:

**Ман Меҳситиям, аз ҳама хубон шуда тоқ,**
**Машҳур ба ҳусн дар Хуросону Ироқ.**
**Эй пури хатиби Ганҷа, аз баҳри худо**
**Магзор чунин бисӯзам аз дарди фироқ.**

Асри XII, Кавкаб (Ситорабону), Духтарӣ, Лола (Хотунӣ), Мутриба барин шоираҳоро ба саҳнаи эҷод овардааст. Лола, ки бо тахаллуси Хотунӣ эҷод мекардааст, аз шоираҳои хушкаломи давр будааст. Ин сатрҳои зебо аз ӯст:

**Ман он занам, ки ҳама кори ман накӯкорист,**
**Ба зери миқнаи ман ай басе кулаҳдорист.**
**На ҳар зане ба ду газ миқнааст кадбону,**
**На ҳар саре ба кулоҳе сазои сардорист.**

Шоираҳо Офоқ, Партав,Ҷаҳон, Мулкхотун, Дилшодхотун дар асри XIV зиндагӣ кардаанд. Офоқ дар хонадони инсони бомаърифат тарбия дидааст. Бародараш Ҳусайни Ҷалоир низ шоири хубе будааст. Ин байт аз камоли ҳунари Офоқ дарак медиҳад.

**Ашке, ки сар зи гӯшаи чашмам бурун кунад,**
**Бар рӯи ман нишинаду даъвои хун кунад.**

Орзу, Бедилӣ, Биччаи Мунаҷҷима, Гулин, Зебоя, Меҳрии Ҳиротӣ, Ниҳонии Шерозӣ ва ғайра парвардагони асри XV мебошанд. Дар байни онҳо Меҳрии Ҳиротӣ шӯҳрати бештаре доштааст. Вай ба тамоми ғазалиёти Ҳофизро ҷавоб гуфта будааст. Дар ҳаҷв низ дасти тамом доштааст. Рубоӣ:

**Дар хонаи ту он чӣ маро шояд, нест,**
**Банде зи дили рамида букшояд, нест.**
**Гӯӣ ҳама чиз дорам аз молу манол,**
**Оре, ҳама дорӣ, он чӣ мебояд, нест.**

Дар асри XVI Гулбаданбегим, Гулчеҳрабегим, Комилабегим, Мӯнис, Ниҳонии Акбарободӣ, Ниҳонии Ҳиротӣ, Отуни Ҳиравӣ, Мунира барин шоираҳо зиндагӣ ва эҷод кардаанд. Ниҳонии Ҳиротӣ аз канизакони Сулаймоншоҳ ва ҳамнишини модари ӯ будааст. Қобилияти баланди шеърӣ ва ҳусни расо доштааст. Рубоие навишта изҳор мекунад, ки касе ҷавоби онро гӯяд, ҳамсараш мешавад:

**Аз марди бараҳнарӯй зар металабам,**
**Аз хонаи анкабут пар металабам.**
**Ман аз даҳани мор шакар металабам,**
**Аз пашшаи мода шери нар металабам.**

Гӯё то охири умри Ниҳонӣ касе ҷавоби муносибро нагуфта будааст, агарчи бисёр касон барои ҷавоб кӯшиш кардаанд. Саъдуллоҳхон (вазири Шоҳиҷаҳон) рубоии Ниҳониро чунин маънидод кардааст:

**Илм аст бараҳнарӯй, таҳсил зар аст,**
**Тан хонаи анкабуту дил болу пар аст.**
**Заҳр аст ҷафои илму маънӣ шакар аст,**
**Ҳар пашша аз ӯ чашид, он шери нар аст.**

Асри XVII барои занони эҷодкор хеле баҳосият будааст. Дар ин қарн миқдори занони эҷодкор нисбат ба асрҳои гузашта хеле афзудааст. Амонӣ, Бибӣ Зоирӣ, Бузургии Кашмирӣ, Гунобегим, Ёсаминбу, Зебуннисо, Зӯҳра, Исматбегим, Ифатӣ, Ҷаҳоноробегим, Ҷамила, Ҷамолӣ зодагони ин асранд. Бузургии Кашмирӣ шоира, раққоса, сароянда ва танбӯрнавози моҳире будааст. Дар ҳинду Арабу Аҷам шӯҳрате доштааст. Гурӯҳе аз шоирон ба дидорбинии ӯ омада гуфтаанд:

**Эй шеваи куфру дин ба ҳам сохтаӣ,**
**Ғамро ба вуҷуди худ адам сохтаӣ.**
**Осори бузургӣ аз ҷабинат пайдост,**
**Гаҳ бо Арабу гаҳ ба Аҷам сохтаӣ.**

Бузургӣ фавран гуфтааст:

**Рӯзе, ки ниҳодем дар ин дайр қадамро,**
**Гуфтем салоест Араброву Аҷамро.**
**Гаштем дар ақсову накӯном дар афвоҳ,**
**В-охир бигирифтем яке кунҷи ҳарамро.**

Бону Арфаи Ҷаҳодорӣ: Бегим, Зиё, Зиннатуннисо, Ҷаҳон (Фаришта) дар асри XVIII умр ба сар бурдаанд. Зиннатуннсо хоҳари хурдии Зебуннисо будааст. Ин байтҳои барҷаста аз ӯст:

**Эй обшор, навҳагар аз баҳри чистӣ?**
**Чин дар ҷабин фиканда зи андӯҳи кистӣ?**
**Дардат чӣ дард буд, ки чун ман тамоми шаб**
**Сарро ба санг мезадиву мегиристӣ?**

**(Давомаш дар саҳ.4)**

